**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ПАЖӮҲИШГОҲИ ИЛМИЮ КЛИНИКИИ СТОМАТОЛОГИЯ ВА ҶАРРОҲИИ ҶОҒУ РӮЙ»**

**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Муовини директори МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» оид ба корҳои илмӣ,**
**н.и.т. ____________ Рашидов Ҳ.Т.**
**«_7_» ____05____ 2024 с.**

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рисола дар мавзӯи **«Роҳҳои оптимизатсияи ташхис, пешгирӣ ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар»** аз рӯйи ихтисосҳои 6D110114 – Стоматология, 6D110112 – Саратоншиносӣ дар МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» ва МД «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Довталаб Абдул Қоҳир Қодирӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, соли 2015 факултети стоматологияи МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино”-ро хатм кардааст. Аз соли 2015 то соли 2017 дар кафедраи ҷарроҳии ҷоғу рӯй ва стоматологияи кӯдаконаи Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ” таҳсили магистриро дар бахши ҷарроҳии ҷоғу рӯй ба итмом расонидааст. Солҳои 2017-2020 бо низоми “Доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос” дар МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» таҳсил намудааст. Аз 27.01.2020 то 24.03.2020 давраи тахассуси ибтидоии саратоншиносиро дар кафедраи онкология, ташхиси шӯоӣ ва муолиҷаи шӯоии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино таълим гирифтааст, ҳамчунин давраи якмоҳаи “Имплантологияи денталӣ”-ро аз 01.03.2021 то 01.04.2021 дар МД “Пажӯҳишгоҳи илмию

клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй" муваффақона ба итмом расонидааст.

Дар давоми давраи кӯтоҳи фаъолияти касбӣ Абдул Қоҳир Қодирӣ, ки аз соли 2021 то ба имрӯз ба ҳайси сардухтури Шифохонаи тахассусии стоматологии "Алмос" дар шаҳри Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ифои вазифа менамоияд, худро ҳамчун табиби кордону дақиқкор нишон додааст. Ӯ принсипҳои асосии пешгирӣ, ташхис ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва мавзеъҳои дигарро аз худ намудааст. Талошу кӯшишҳои шабонарӯзӣ дар роҳи расидан ба мақсад, масъулиятшиносӣ ва кори доимӣ рӯйи рисола ба довталаб имкон дод, ки таҳқиқоти илмиро дар муҳлати таъйингардида анҷом диҳад. Абдул Қоҳир Қодирӣ шавҳару падари меҳрубон, соҳиби 3 фарзанд аст.

**Маълумотномаи Академӣ** (Транскрипт) дар бораи аз бар намудани талаботи нақшаи таълим ва супоридани имтиҳонҳо аз 03.05.2024 аз тарафи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Мавзӯи рисола **«Роҳҳои оптимизатсияи ташхис, пешгирӣ ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар»,** роҳбари илмӣ ва мушовири илмӣ соли 2018 дар ҷаласаи 2-юми шӯрои олимони МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй»-и ВТ ва ҲИА ҶТ тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Базаров Неъмат Исмоилович, д.и.т., профессори кафедраи онкология, ташхиси шӯоӣ ва муолиҷаи шӯоии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино».

**Мушовири илмӣ** – Қосимов Маҳмадулло Маҳмадиевич, н.и.т., директори МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй»-и ВТ ва ҲИА ҶТ.

**Дар натиҷаи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

**Мубрамӣ.** Яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи ҷарроҳии ҷоғу рӯй дар саратоншиносӣ ташхис ва арзёбии саривақтии самаранокии табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар (ОРМҶРГГКС) мебошад, ки дар заминаи нуқсонҳои модарзодии инкишофи рагҳои хунгард ва осебҳои ОРМҶРГГКС ба вуҷуд меоянд. ОРМҶРГГКС зиёд дар тифлӣ ва калонсолӣ пайдо мешаванд [Базаров Д.В.2016; Базаров Н.И.2013-2017; Бернадский Ю.И., 2003; Тимофеев А.А. 2002]. Ташхиси ОРМҶРГГКС дар баробари азназаргузаронӣ, палпатсия, аускултатсия ба истифодаи усулҳои махсуси муоина: рентгенографияи устухонҳои рӯй, гардан ва косахонаи сар, ангиография бо ёрии моддаҳои контрастӣ, термография асос меёбад. Ташхиси шаклҳои сатҳии омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй умдатан душворӣ намеорад. Дар гузаронидани ташхиси тафриқавии ОРМҶРГГКС усулҳои зикршудаи

муоинаи бемор, инчунин истифодаи таҳқиқоти ултрасадой (мо дар бораи татбиқи таҳқиқоти ултрасадӣ аз адабиёти дастрас маълумот пайдо накардем) барои муайян кардани ҳаҷм, дараҷаи паҳншавӣ, арзёбии самаранокии усулҳои гуногуни табобати қаблан татбиқшудаи табобати ОРМҶРГГКС ёрии назаррас мерасонанд.

Айни замон намудҳои зерини муолиҷаи ОРМҶРГГКС мавҷуданд: а)муолиҷаи шуоӣ ва склерозкунанда; б) усули ҷарроҳӣ ва омехта; в) электрокоагулятсия, криодеструксия; г) лазерҳои ҷарроҳӣ; д) усулҳои ортопедӣ (дастгоҳҳои гуногуни компрессионӣ) [Базаров Д.В., 2016; Базаров Н.И. ва ҳаммуал., 2013; Дусмуратов А.М., 2013; Salvatietal M., 1993; Marunicketal M.T., 1992; Воробьев Ю.И. ва ҳаммуал.,1990].

Ба ин тариқ, ба ҳоли имрӯз маълумот дар бораи омилҳои хавфовар, натиҷанокии усулҳои муосири ташхис, пешгирӣ, самаранокии усулҳои табобат ҳангоми ОРМҶРГГКС ба андозаи кофӣ омӯхта нашудааст. Ҳолатҳои болозикр идома додани ҷустуҷӯйҳоро барои беҳтар кардани пешгирӣ, ташхис ва табобати ОРМҶРГГКС талаб мекунанд.

**Иштироки шахсии муаллиф дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ.** Муаллиф дар ҳамдастӣ бо роҳбари илмӣ мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро интихоб намуда, таҳқиқотро тарроҳӣ кардааст. Ӯ шахсан маълумоти бойгонии МД “МҶИС”-и ВТ ва ҲИА ҶТ-ро дар бораи омосҳои пӯсти мавзеи гардан, гунбади косахонаи сар ва маҳалҳои дигар (ОРМҶРГГКСМД) омӯхта, маводи проспективиро ҷамъоварӣ ва таҳлил намудааст, аз ҷониби ӯ пурсишномаҳо доир ба сифати ҳаёт истифода ва пурсишнома доир ба омилҳои хавфовар таҳия карда шуданд. Муаллиф натиҷаҳои усулҳои абзорӣ ва озмоишгоҳии таҳқиқро таҳлил ва ҷамъбаст намудааст. Дар ҷараёни бурдани кор бо беморон ва анҷом додани мудохилаҳои ҷарроҳии марбут ба ОРМҶРГГКСМД ӯ ба сифати ассистенти якум дар 9 ҷарроҳӣ ширкат варзидааст. Пуркунии пурсишномаҳо, коркарди омории маводҳо ва таҳлили натиҷаҳои ҳосилшударо муаллиф шахсан иҷро кардааст. Натиҷаҳои наздиктарин ва дури табобати ҷарроҳиро низ ӯ шахсан омӯхтааст.

**Дараҷаи асоснокии муқаррарот, натиҷа ва тавсияҳои илмӣ, ки довталаб ба даст овардааст.** Муқаррарот, натиҷа ва тавсияҳои илмӣ моҳияти кори диссертатсиониро инъикос менамоянд, далели эътимодбахшии он маводҳои воқеие мебошанд, ки бо коркарди оморӣ ва татбиқи маҷмуи усулҳои замонавӣ, объективӣ ва дорои сатҳи баланди иттилоънокӣ тасдиқ мешаванд. Кори илмӣ ба таҳлили натиҷаҳои мушоҳида, муоина ва табобати 115 бемор бо омосҳои гуногуни хушсифати рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва мавзеъҳои дигар асос ёфтааст. Синни беморони гирифтори ОРМҶРГГКСМД аз 1-моҳа то 49-сола буд, дар байни онҳо мардон

39 (34 %), занон 76 ҳолатро (66%) ташкил медоданд. Ҳамаи онҳо дар кафедраи онкология, ташхиси шӯоӣ ва муоличаи шӯоии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дар пойгоҳи МД "МЧИС"-и ВТ ва ҲИА ҶТ дар шаҳри Душанбе аз соли 2015 то соли 2018 муоина ва табобат шудаанд.

Ҳамаи беморон (115 нафар, 100%) бо омосҳои гуногуни хушсифати рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва мавзеъҳои дигар дар асоси сохтори морфологӣ ба се гурӯҳ ҷудо карда шуданд: а) дар 58 бемор (50%) шакли омехтаи гемангиома; б) дар 48 бемор (43%) шакли кавернозии гемангиома; в) дар 9 бемор (7%) шакли капиллярии гемангиома тасдиқ гардид. Ва барои муқоиса беморони гирифтори ОРМҶРГГКСМД ба 3 гурӯҳ тақсим карда шуданд:

гурӯҳи I (муқоисавӣ) ретроспективӣ буда, 35 бемор (30%) бо омосҳои мухталифи хушсифати рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва мавзеъҳои дигарро фаро гирифт. Аз миёни онҳо 28 нафар (80%) бо ОРМҶРГГКС ва 7 нафар (20%) бо омосҳои гуногуни рагии мавзеъҳои дигар буданд;

гурӯҳи II (асосӣ) проспективӣ буда, иборат аз 55 бемор (48%) бо омосҳои гуногуни хушсифати мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар (ОРМҶРГГКС) буд;

гурӯҳи III (муқоисавӣ) проспективӣ буда, 25 беморро (22%) бо омосҳои гуногуни хушсифати рагии мавзеъҳои дигар (ОХРМД) фаро гирифт.

**Навгонии илмии таҳқиқот**

Дар ин таҳқиқот бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон басомад, ҳиссаи нисбии омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар дар сохтори омосҳои сару гардан дар асоси мурочиатҳо омӯхта шуд.

Хусусиятҳои зуҳуроти морфологии клиникиву анамнезӣ, дараҷаи паҳншавӣ, нақши омилҳои хавфовар дар инкишоф, пешгирии ибтидоӣ, алгоритми ташхис, табобати омосҳои рагии хушсифати мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар (ОРМҶРГГКС) баррасӣ гардиданд.

Сатҳи баланди иттилоъноки усулҳои клиникӣ, рентгенӣ, ултрасадоӣ ва морфологӣ дар ташхиси ОРМҶРГГКС собит гардидааст.

Арзёбии муқоисавии самаранокии табобати ОРМҶРГГКС анҷом дода шуд. Дар асоси тадқиқот тавсияҳо, алгоритм ва усулҳои беҳсозии ташхису пешгирӣ дар табобати ОРМҶРГГКС таҳия карда шуданд.

**Арзиши амалии таҳқиқот**

Ин таҳқиқот аҳамияти амалӣ дорад, зеро натиҷаҳои он имкон фароҳам меоранд, ки дар байни аҳолӣ фаъолона корҳои фаҳмондадиҳӣ бо ҳадафи

ташвиқ ба муроҷиати саривақтӣ ҳангоми пайдо шудани омосҳои рагии пӯст дар мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва мавзеъҳои дигар (ОРПМҶРГГКСМД) ба муассисаҳои махсуси тиббӣ гузаронда шаванд, ки ин имкони табобат бо дахолати камтарини ҷарроҳиро таъмин намуда, пешгирии омосҳои рагии гуногун ба маънии васеъ мебошад. Барои ташхиси барвақтии ОРМҶРГГКС муоинаи бодиққати кӯдак аз лаҳзаи таваллуд зарур аст ва агар ОРПМҶРГГКСМД ошкор карда шавад, беморро сари вақт ба клиникаи марбут ба ин шуъбаи нозологӣ равона кардан лозим мебошад. Бо мақсади ташхиси саривақтии ОРМҶРГГКС дар баробари арзёбии симптомҳои клиникии беморӣ ва корбурди усулҳои анъанавӣ, он бояд истифодаи усулҳои айнӣ (визуализатсия): ТУС, мувофиқи нишондодҳо ТК, МРТ-ро дар бар гирад. Барои манъ кардани хунравӣ ва муолиҷа ҳангоми табобати ҷарроҳии омосҳои рагии устухонии косахонаи сар, устухонҳои скелети рӯй бояд ҷойҳои хунравии омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар бо муми занбӯри асал коркард шаванд, инчунин омехтаи склерозкунанда (иборат аз маҳлули 5%-и кислотаи аскорбин, суспензияи 2,5%-и гидрокортизон) ба макони омоси рагӣ ворид ва иловатан доруҳои зерин таъйин карда шаванд: а) доруи остеостимулятор бо номи остеогенон, 1-2 ҳаб дар як рӯз, даҳонӣ барои истеъмол дар давоми 7-10 рӯз; б) доруи ангезандаи масуният метилурасил, 0,5-1,0 се-чор бор дар як шабонарӯз, ба таври даҳонӣ ҳангоми хӯрокхӯрӣ ва эсберитокс-Н 1 ҳаб 2 бор дар як рӯз, даҳонӣ барои 7-10 рӯз.

Истифодаи табобати омехтаи ОРМҶРГГКС аз муайян кардани ҳаҷми холигии рагҳои кавернозӣ бо ёрии ултрасадо, истифодаи маҳлулҳое, ки боиси заҳролудшавӣ, склерози дурушти бофтаҳои солим намешаванд ва дӯхтани онҳо, ки аз хунравии фаровон, ихтилоли асабҳо ва рагҳои хунгузар, ба вуҷуд омадани нуқсону деформатсияҳо пешгирӣ мекунад, иборат аст. Усули табобати омехтаи омосҳои рагии хушсифати мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар дар истифода осон, босамар ва муҳимтар аз ҳама барои ҳамагон дар ҳама гуна клиникаҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас мебошад.

Воридкунии натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои таҳиягардида ба фаъолияти амалии муассисаҳои ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ва шабакаи умумии тиббӣ имкон медиҳад, ки омосҳои рагии пӯст ва изофаҳои он дар косахонаи сар, мавзеи ҷоғу рӯй ва гардан сари вақт муайян карда шаванд ва омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо барои таъйин намудани табобати мувофиқ дар муассисаи махсусгардонидашуда анҷом дода шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар фаъолияти назариявӣ ва амалии шуъбаи онкологияи умумии МД «МҶИС»-и ВТ ва ҲИА Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғи рӯй» дар ш. Душанбе, дар лексияҳо ва дарсҳои амалии

кафедраи онкология, ташхиси шӯоӣ ва муоличави шӯоии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» татбиқ карда шуданд. Натичаҳои таҳқиқотро барои истифода дар тайёр кардани табибони оилавӣ, стоматологҳо, отоларингологҳо, саратоншиносон ва истифода дар равандҳои таълимӣ дар кафедраҳои саратоншиносӣ ва тибби оилавии муассисаҳои олии тиббӣ тавсия додан мумкин аст.

**Пешдифоъ (апробатсия)-и рисола ва маълумот дар бораи истифодаи натичаҳои он**

Маводҳои рисола дар маҷлисҳои зерин баррасӣ ва гузориш дода шуданд:

1) Конгресси X саратоншиносон ва радиологҳои кишварҳои ИДМ ва Авруосиё 23-25 апрели соли 2018 дар шаҳри Сочи, Россия;

2) Маводҳои конференсияи минтақавии «Инноватсия ва масъалаҳои мубрами неврология» ва Анҷумани 1-уми неврологҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 17-18 майи соли 2018;

3)Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмию амалии оториноларингологҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҷанбаҳои муосири ташхис ва табобат дар оториноларингология" бо иштироки байналмилалӣ, Душанбе, 2018;

4) Маҷмуаи мақолаҳои илмии конфронси илмию амалии «Равишҳои муосир дар ташхис ва табобати саратони бадсифат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо иштироки байналмилалӣ, бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 25.10.2019.

5. Евразийский онкологический журнал.- №1.-Т.9.-2021

**Нашри натичаҳои рисола**

Натичаҳои илмие, ки муаллиф ба даст овардааст, дар 14 таълифоти интишоршудаи илмӣ пурра баён шудаанд: 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, 9 мақолаи илмӣ ва тезисҳо, 2 ихтироъ ва 1 пешниҳоди ратсионализаторӣ ва 1 дастури методӣ.

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М] Абдулкохир, Кодири. К вопросам клиники, диагностики, лечения сосудистых опухолей челюстно-лицевой области, шеи и свода черепа (СОЧЛОШСЧ) / Н.И. Базаров, Ф.А. Имомов, Абдулкохир Кодири, М.М.Косымов, Ф.Х. Райхонов, И. К.Ниязов // Вестник Академии медицинских наук Таджикистана. - №2(26). – 2018. – С.256-264.

[2-М] Абдулкохир, Кодири. К вопросу клиники, диагностики и оценки результатов комбинированного лечения кавернозных сосудистых опухолей кожи и её придатков свода черепа, челюстно-лицевой

области и шеи (СОКПСЧЧЛОШ) / Н.И. Базаров, Ф.И.Шукуров, Абдулкохир Кодири, Ф.А.Имомов, М.М.Косымов, Ф.Х. Райхонов, А.А. Абдумуминов // Здравоохранение Таджикистана. - №1. – 2019. – С. 19-28.

[3-М] Абдулкохир, Кодири. Некоторые аспекты клиники, диагностики и пути оптимизации лечения опухолей кожи и её придатков свода черепа и периорбитальной области (ОКПСЧПО)/ Н.И. Базаров, Ф.А. Имомов, Ф.И.Шукуров, Абдулкохир Кодири, Ф.С. Махмадов, Ф.Х. Райхонов, А.А. Абдумуминов, Й.М.Нуритдлинов // Здравоохранение Таджикистана. - №2. – 2019. – С. 18-26.

[4-М] Абдулкохир, Кодири. Вопросы клиники, диагностики и эффекивности лечения солитарных, первично-множественных доброкачественных опухолей и опухолеподобных процессов кожи и окружающих структур периорбитальной области (СПМДООПКОСПО)/ Базаров. Н. И., Имомов Ф.А., Шукуров Ф.И,, Абдулкохир Кодири, Косымов М.М., Кобилов Ж..А., Ниязов И.К., Юльчиев Р.И. // Здравоохранение Таджикистана. - №1. – 2021. – С. 24-31.

[5-М] Абдулқоҳир, Қодирӣ. Клиники, ташхис ва муоличаи омосҳои рагии минтақаи чоғу рӯй, гардан ва гунбади косахона (КТМОРМЧРГГК) / Абдулқоҳир Қодирӣ // Авчи Зуҳал. - №1. -2024. –С. 98-107.

**Мачаллахо ва фишурдахо дар мачмӯаи конфронсхо:**

[6-М] Абдулкохир, Кодири. Инновационные подходы усовершенствования местного обезболивания больных с полинеоплазиями кожи лица и шеи с сопутствующим метаболическим синдромом (ПКЛШСМС)/ Н.И. Базаров, Ф.А.Имомов, Абдулкохир Кодири, М.М.Косымов, О.А.Мирзоев, Ф.Х. Райхонов, Л.Н. Пачаджанова // Труды региональной конференции «Инновация и актуальные вопросы неврологии» и 1-го съезда неврологов Республики Таджикистан. Душанбе,17-18 мая,– 2018. – С. 425-430.

[7-М] Абдулкохир, Кодири. К вопросу этиологии, клиники сосудистых опухолей кожи и её придатков свода черепа, челюстно-лицевой области и шеи (СОКПСЧЧЛОШ) / Н.И. Базаров, Ф.А .Имомов, Абдулкохир Кодири, М.М.Косымов, Л.Н.Пачаджанова // Труды региональной конференции «Инновация и актуальные вопросы неврологии» и 1-го съезда неврологов Республики Таджикистан. Душанбе,17-18 мая,– 2018. – С. 431-439.

[8-М] Абдулкохир, Кодири. Результаты комбинированного лечения сосудистых опухолей кожи и её придатков свода черепа, челюстно-

лицевой области и шеи (СОКПСЧЧЛОШ)/ Н.И. Базаров, Абдулкохир Кодири, Ф.А. Имомов, М.М.Косымов, А.А. Абдумуминов, И.К. Ниязов // Труды региональной конференции «Инновация и актуальные вопросы неврологии» и 1-го съезда неврологов Республики Таджикистан. Душанбе, 17-18 мая,– 2018. – С. 442-451.

[9-М] Абдулкохир, Кодири. К вопросу усовершенствования остановки кровотечения во время оперативного лечения костных сосудистых опухолей черепа, костей лицевой скелета (КСОЧКЛС) / Ф.И. Шукуров, Н.И. Базаров, А.А. Абдумуминов, Ф.А. Имомов, Ф.Х. Райхонов, М.М. Косымов, Абдулкохир Кодири, Л.Н. Пачаджанова // Сборник научных трудов научно - практической конференции с международным участием. «Современные подходы в диагностике и лечении злокачественных новообразований в Республике Таджикистан» посвященный годом развитии село, туризма и народных ремесел и 30-летию Независимости Республике Таджикистан. Душанбе,25 октябрь.-2019, – С. 224-230.

[10-М] Абдулкохир, Кодири. Оптимизация повышения уровня иммунологической реактивности и местного обезболивания при опухолях челюстно-лицевой области и шеи/ Н.И. Базаров, Й.М. Нуритддинов, Абдулкохир Кодири, Ф.С.Махмадов, А.А. Абдумуминов, И. К.Ниязов, Ф.Х. Райхонов// Евразийский онкологический журнал. - №1. – Т. 6. – 2018. – С.216.

[11-М] Абдулкохир, Кодири. Некоторые аспекты локализации и роль ультразвукового исследования при сосудистых опухолях кожи и её придатков свода черепа, челюстно-лицевой области и шеи(СОКПСЧЧЛОШ) / Н.И. Базаров, Ф.А. Имомов, Абдулкохир Кодири, М.М. Косымов // Труды региональной конференции «Инновация и актуальные вопросы неврологии» и 1-го съезда неврологов Республики Таджикистан. Душанбе,17-18 мая,– 2018. – С.440-441.

[12-М] Абдулкохир, Кодири. Результативность лечения солитарных, первично-множественных опухолей и опухолеподобных процессов кожи и окружающих структур периорбитальной области (СПМООПКОСПО) / Н.И. Базаров, Ф.А. Имомов, Ф.И. Шукуров, Абдулкохир Кодири, И.К. Ниязов, Ж.А. Кобилов, Д.М. Мазхабов, Р.И.Юльчиев // Евразийский онкологический журнал. - №1. – Т. 9. – 2021. – С.270-271.

[13-М] Кодири, А. Оценка результатов диагностики, этиологии, факторов риска при доброкачественных сосудистых опухолях челюстно-лицевой области, шеи и свода черепа (ДСОЧЛОШСЧ) / Н.И.

Базаров, И.К. Ниязов, Ф.И. Шукуров, А. Кодири, Ф.А. Имомов, Ж.А. Кобилов, Р.И. Юльчиев, М.М. Косымов //Евразийский онкологический журнал. – №1. – Т. 9. – 2021. – С.272.

[14-М] А. Кодири. Сравнительная оценка результатов лечения доброкачественных сосудистых опухолей челюстно-лицевой области, шеи и свода черепа (ДСОЧЛОШСЧ) / Н.И. Базаров, И.К. Ниязов, Ф.И. Шукуров, А. Кодири, Ф.А. Имомов, Ж.А. Кобилов, М.М. Косымов, Р.И. Юльчиев //Евразийский онкологический журнал. – №1. – Т. 9. – 2021. – С.273.

**Патент барои ихтироот:**

13. Базаров Н.И., Қосимов М.М., Шукуров Ф.И., Абдул Қоҳир Қодирӣ, Юлчиев Р.И., Имомов Ф.А. Усули табобати омосҳои кавернозии рагии косахонаи сар, мавзеи ҷоғу рӯй ва гардан // Патенти TJ №1114.2020.

14. Базаров Н.И., Рашидов Х.Т., Шукуров Ф.И., Кобилов Ж.А., Абдулкохир Кодири., Юльчиев Р.И., Муродов А.И., Рахимов Н.М. Способ лечения сосудистых опухолей черепа и костей лицевого скелета. //Патент TJ №1439.2021.

**Пешниҳоди ратсионализаторӣ:**

15. Усули хунманъкунӣ ҳангоми табобати ҷарроҳии омосҳои рагии устухонии косахонаи сар, устухонҳои скелети рӯй / Шаҳодатнома барои пешниҳоди ратсионализатории №45 аз 22.06.2018, Абдул Қоҳир Қодирӣ, аз тарафи Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯйи ВТ ва ҲИА Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе дода шудааст.

**Мутобиқати мазмуни рисола ба ихтисосе, ки аз рӯйи он ба ҳимоя тавсия шудааст.** Рисолаи илмии «Роҳҳои оптимизатсияи ташхис, пешгирӣ ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар» ба такмили ташхис, пешгирии беморӣ ва тавонбахшии беморон бо омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва мавзеъҳои дигар бахшида шуда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D110114 – Стоматология, 6D110112 – Саратоншиносӣ тавсия мегардад.

Хулоса дар ҷаласаи шурои олимони МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй»-и ВТ ва ҲИА ҶТ қабул шуд.

Иштирок дошт: 21 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «Тарафдор» – 21 нафар, «Зид» ва «Бетараф» – 0, протоколи № 2 аз «07» майи с. 2024.

**Раис,**
**д.и.т., профессор** **Таиров У.Т.**

**Котиби шурои олимон, н.и.т** **Ахророва З.К.**

*Имзоҳои Таиров У.Т. ва Аҳророва З.К.-ро тасдиқ менамоям:*
*Нозири кадрҳо: Сафдарова З.Д.*

ШӮЪБАИ КАДРҲО

07.05. с. 2024.